


# МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Рӯзҳои 4-6-уми майи соли 2026 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Ассотсиатсияи байналмилалии илмии RSAI Конференсияи IV байналмилалии илмию амалиро дар мавзуи “Рушди устувори минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ" дар шаҳри Душанбе баргузор менамояд.

Дар доираи конференсия таъсиси платформа барои маърӯзачиён (олимону муҳаққиқони варзидаи ҷаҳон), аз ҷумла, мамлакатҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ барои мубодилаи таҷриба ва дониш аз рӯи тамоми ҷанбаҳои илми муосир ва рушди устувори минтақавӣ ба нақша гирифта шудааст.

Ҳадафи конференсия ба як платформаи байнифаннӣ ҷиҳати муаррифӣ ва муҳокимаи охирин таҳаввулот, навовариҳо, инчунин мушкилоти мавҷуда ва қарорҳои амалии дар соҳаи рушди устувори минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ қабулшуда, табдил додан мебошад.

Ба конференсия мақолаҳо аз рӯи бахшҳои мавзуии зерин қабул карда мешаванд:

- Рушди устувор;
- Назария ва амалияи рушди минтақавӣ;
- Заминаи қонунгузории рушди устувор;
- Ҷуғрофияи иқтисодӣ;
- Рақамикунонии иқтисодиёти Осиёи Марказӣ;
- Назарияи иқтисодӣ;
- Рушди фаъолияти суғурта дар кишварҳои Осиёи Марказӣ;
- Иқтисодиёти фазоӣ ва бонакшагирӣ;
- Таҳлили экологию иқлимӣ;
- Гумрук ва логистика;

- Таҳлили маълумоти фазоӣ;
- Иқтисодиёт ва молия дар рушди Осиёи Марказӣ;
- Технологияҳо дар рушди Осиёи Марказӣ;
- Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва таълими инноватсионӣ;
- Рушди донишҳои иҷтимоӣ – гуманитарӣ ва педагогика дар кишварҳои Осиёи Марказӣ;

Барои ширкат дар конференсия дархост оид ба иштирок, мавзуъҳо ва аннотатсияи маърузаҳо (мақолаҳо)-ро бо нишон додани бахш то 10-уми марти соли 2026 ба суроғаи электронии Кумитаи тадорукоти конференсия: TSUC & RSAI фиристодан зарур аст. Матни пурраи мақолаҳо то 20 апрели соли 2026 қабул карда мешаванд.

Қоидаҳои пешниҳоди маводҳо ба конференсия:

- Дар раванди конференсия ҳамаи тезисҳо ва мақолаҳои қабулшуда муаррифӣ карда мешаванд. Муаллифон метавонанд мақолаи пурра ё тезисҳои васеъро бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ё англисӣ пешниҳод намоянд;
- барои нашри мақолаҳо дар маҷаллаи илмии "Сиёсати илмӣ ва амалияи минтақавӣ"( RSPP)-и дар пойгоҳи додаҳои Scopus Q-2 (импакт-фактор 1,7) тақризшаванда, танҳо мақолаҳое, ки шахсан ба конференсия пешниҳод гардидаанд, баррасӣ карда мешаванд. Инчунин, мақолаҳо иловатан бояд аз аз тақризи ҷиддии олимони хориҷӣ гузашта бошанд. Мақолаҳои барои нашр қабул кардашуда, дар маҷаллаи илмии “Паёми ДДТТ” ҳамчун нашри махсус дохил карда мешаванд. Ин як имконияти беназир барои олимони Тоҷикистон ва умуман Осиёи Марказӣ аст, ки мехоҳанд таҳқиқоти худро дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ кунанд;
- барои чопи мақолаҳо дар нашри махсуси маҷаллаи илмии “Паёми ДДТТ”, ки дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) тақризшаванда ва дорои импакт-фактори 0.09 мебошад, диққати махсус ба мазмуну мундариҷа ва барасмиятдарории мақолаҳо, равшанӣ ва услуби баён, дақиқӣ ва пайдарҳамӣ дар баёни мавод дода мешавад. Талабот барои мазмуну мундариҷа ва барасмиятдароии мақолаҳо барои ин нашрияҳо дар сомонаи www.payom.ddtt.tj дар бахши "Талаботҳо" оварда шудаанд.

Сохтори дастнависи мақолаҳо аз рӯи тартиби зерин барасмият дароварда мешавад:

- УДК дар тарафи чапи боло ҷойгир карда мешавад;
- Ному насаби пурраи муаллиф(он), дараҷа ва унвони илмӣ, вазифа, номи ташкилот;
- Номи мақола (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);
- Аннотатсия (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, 100-200 калима);

- Калимаҳои калидӣ (8-10 калима, на бештар аз ду сатр);
- Матни асосии мақола;
- Хулосаҳо аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот;
- Рӯйхати адабиёт.

БАРНОМАИ КОНФЕРЕНСИЯ:

Барномаи конференсия як моҳ пеш аз чорабинӣ дар сомонаи https://tguk.tj/conference/#topics, инчунин дар сомонаи расмии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон - https://tguk.tj/index.php/ru/ дастрас хоҳад буд.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2, ДДТТ, Раёсати илм ва инноватсия.